# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ**

Омӯзиш ва таҳлили матбуоти тоҷик яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ дар бахши журналистика маҳсуб меёбад. Муҳаққиқ Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ таҳти роҳбарии академики АМИТ, доктори илми филология, профессор Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ нақш ва вижагиҳои таърихӣ, хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ, ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар нашрияи «Омӯзгор»-ро мавриди пажуҳиш қарор дода, таҳқиқоти арзишманд анҷом додааст. Диссертант бо истифода аз назарияҳои тозаи илмии муҳаққиқони рус ва тоҷик хулосаҳои зарурии илмиву амалӣ баровардааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро таъкид кардан бамаврид аст, зеро маводи он метавонад ҷанбаҳои назарии илми журналистикаро такмил бахшида, ҳамчун адабиёти илмӣ барои пажуҳишҳои минбаъда доир ба масоили таърихи матбуот ва вижагиҳои сохториву жанрӣ мавриди истифода қарор гирад. Тавре ки муаллиф дар автореферат зикр мекунад, таҳқиқоти мазкур, ҳангоми навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи таъйинот ва вижагиҳои матбуоти даврӣ ва амсоли инҳо судманд буда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқро дар таълифи рисолаву китобҳои дарсӣ, таҳияи васоити таълимӣ ва машғулиятҳои амалии журналистика метавон истифода кард.

Аз автореферати Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ маълум мешавад, ки диссертатсия аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқот,

методология ва асосҳои назариявии он, арзиши назарӣ ва амалии пажуҳиш, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант дар боби аввал, ки «Заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва марҳилаҳои инкишофи нашрияи «Омӯзгор» унвон дошта, аз ду фасл – «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули матбуоти соҳавӣ» ва «Марҳилаҳои инкишоф ва таҳаввули нашрияи «Омӯзгор» иборат мебошад, замина ва омилҳои пайдоиши нашрияҳои соҳавӣ, аз ҷумла, «Омӯзгор», марҳалаҳо ва равандҳои ташаккули нашрияи «Омӯзгор» ва нақши онро дар баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеа мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Дар зимн, муаллиф ба хулосаҳои дурусти илмӣ расидааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили таносубии мундариҷаи нашрияи «Омӯзгор» дар замони истиқлол» ду фасл – «Таснифоти умумии мундариҷаи нашрия дар давраи истиқлол» ва «Таҳлилу баррасии масъалаҳои рушди маориф»-ро дар бар мегирад.

Дар ин боб мавзуъҳои баррасишавандаи нашрия радабандӣ шуда, перомуни мазмуну мундариҷа ва ороишу саҳифабандии нашрия сухан меравад. Дар баробари ин, мавзуъҳои сиёсати давлат дар соҳаи маориф, таҳлили асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф, масъалаҳои иҷтимоии кормандони соҳаи маориф ва мазмуни таҳсилот, арзёбии сифати он, ҳусну қубҳи барномаву китобҳои дарсӣ ва раванди ислоҳот дар соҳаи маориф ва амсоли инҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар нашрия» унвон дошта, шомили фаслҳои «Инъикоси навгониҳои соҳаи маориф дар қолаби жанрҳои хабарӣ», «Имконоти жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои маориф» ва «Тасвири симои омӯзгори эҷодкор дар жанрҳои лавҳа ва очерк» мебошад. Муҳаққиқ дар ин боб таносуби жанрҳо дар нашрия, нақши жанрҳои таҳлилӣ дар бозтоби масоили маориф, ҳунари нигорандагии рӯзноманигорон дар офаридани симои омӯзгорони эҷодкорро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки муаллиф дар раванди омӯзиш ва таҳлили бастаҳои нашрия аз усули таҳлили муқоисавӣ истифода карда, маҳорату малакаи ҷамъ овардану таҳлил намудан ва хулосабарории аз диди назариявию амалӣ дақиқ ва судманд анҷом додааст. Ҳар як фасл ва боб бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба анҷом расида, аз риояи яке аз талаботҳои асосии навиштани диссертатсияи илмӣ шаҳодат медиҳад. Дар хулоса бошад, унвончӯ натиҷаҳои таҳқиқоти хешро дар 10 банд ҷамъбаст кардааст, ки дорои аҳамияти назарӣ ва амалӣ буда, ҳар яке аз ин бандҳо, дар умум, хулосаи комили диссертатсияро мушаххас мекунанд.

Автореферати Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» дар асоси меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ таълиф гардида, дар он услуби хоси баён, тарзи пешниҳоди иқтибос, таҳияи бобу фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани арзиши илмии диссертатсия мегардад:

1. Муҳаққиқ ҳангоми пажуҳиш аз муҳаққиқони рус ном бурдааст, вале ҳангоми овардани иқтибос дар автореферат аз онҳо кам истифода кардааст ва бештар ба пажуҳишгарони тоҷик такя кардааст. Овардани иқтибоси бештар аз муҳаққиқони рус ҷанбаи илмии авторефератро тақвият мебахшид.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба чашм расид.

Камбудиҳои мазкур арзиши илмии рисоларо кам намекунанд. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат менамояд. Автореферати Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва посухгӯ буда, муаллифи он аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илми филология, дотсент
мудири кафедраи рӯзноманигории
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шарипов С.И.

«16» сентябри соли 2022.

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj

Имзои Шарипов С.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

«16» сентябри соли 2022.